**Ба Шӯрои диссертатсионии 6 D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 734067, ш. Душанбе кӯчаи Нахимов 64/14,
E-mail:faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Вализода Шавқат Шаробуддин дар мавзӯи: “Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муносибатҳои иқтисодӣ бозорӣ ва инкишофи иқтисодиёти рақамӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ, масъалаи татбиқ гардонидани низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ аҳамияти муҳим дорад. Чунки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ва зуд тағйирёбии вазъи муносибатҳои иқтисодӣ хавфҳои эҳтимолии иқтисодию молиявӣ афзоиш ёфта истодаанд, ки таъсири манфӣ мерасонанд.

Яке аз омилҳои рушди иқтисоди рақамӣ –ин низоми пардохтии ғайринақдӣ дар пардохтҳои молӣ, қарзию молиявӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо байни субъектҳои хоҷагидорӣ, хизматрасониҳои бонкӣ, муассисаҳои давлатӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад. Бинобар ин ба субъектҳои хоҷагидорӣ зарур мебошад, ки ҳарчӣ зудтар марҳила ба марҳила пурра аз ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ истифода намоянд ва ин боиси суръатбахшӣ ба татбиқи иқтисоди рақамӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф таърихи таҳаввулот ва марҳила ба марҳила такмилёбии гардиши пулӣ ва пардохтҳои ғайринақди, инчунин оиди мафҳуми низоми пардохтии ғайринақдӣ нуқтаи назарияҳои олимони гуногунро саҳеҳ, фаҳмо овардааст. Бартариҳои низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ ва нақши он дар таъмини хавфҳои молиявӣ ва кам гардидани хароҷотҳо ҳангоми ҳисоббаробаркуни ва пардохтҳо ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои фосилавӣ ба таври возеҳ таҳлил карда шудааст.Муаллиф бисёр ба маврид ва сари вақт доир ба таҳия ва ҷорикунии низоми пардохтии миллии нав пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирӣ мебошад. Новобаста аз оне, ки рисолаи унвонҷӯ мустақилона анҷомдодашуда ва дорои муваффақияти калони илмӣ мебошад, боз ҳам беҳтар мегардид агар ба масъалаи зерин аҳамияти аввалиндараҷа дода мешуд:

Дар кор (автореферат) муаллиф ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оиди мафҳуми низоми пардохтҳои ғайринақдӣ мавриди муҳокима ва таҳлил қарор додааст, лекин ақидаи худро нисбати мафҳуми мазкур ба таври возеҳ баён накардааст.

Инчунин муаллиф дар автореферат камшавии шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар давоми 5 соли

охир овардааст ва хуб мешуд агар сабабҳои камшавии онҳоро муфассал қайд намуда, роҳои дастгирии онро пешниҳод намояд то ин ки камшавии онҳо боз дошта шавад, зеро ҳарчи қадаре, миқдори онҳо зиёд бошанд, ҳамон қадар арзиши хизматрасонии онҳо пасттар гардида ба рушди низоми хизматрасониҳои молиявӣ дар минтақаҳо меорад.

Пешниҳодҳои баррасишаванда хусусияти тавсиявӣ дошта ба мазмуни афтореферат таъсири манфӣ намерасонад. Умуман кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва навгониҳои илмию амалиро ифода менамояд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсия дар мавзӯи **“Мукаммалгардонии низоми пардохтии ғайринақдӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти рақамӣ”,** аз руи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900 Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад ва муаллифи он Ализода Шавкат Шаробуддин арзандаи **дараҷаи илмии номзадии илмҳои иқтисодӣ мебошад.**

**Тақриздиҳанда**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи “Иқтисодиёти байналмилалӣ”и
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Имомназаров М.А

Имзои н.и.и. дотсент Имомназаров М.А-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шӯъбаи кадрҳои
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н.А.

Суроға: 734000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе к. Н.Қарабоев 63/3
телефон (992)37 234-47-09
Факс (992) 37234-47-09
Эл.почта rectorattut@mail.ru
Сомона https//www.tut.tj.ru